# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи доктории Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)

Диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич – «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ) ба яке аз мавзуъҳои то ҳанӯз таҳқиқнoшудаи забоншиносии тоҷик бахшида шудааст, ки аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ва аҳаммияти илмӣ муҳим ва боарзиш маҳсуб мeёбад.

Аз автореферати диссертатсия аён мегардад, ки пажуҳиши мавзуи мазкур аз муқаддима, чаҳор боб, 28 фаслу зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Боби якуми диссeратaтсия «Масъалаҳои назариявӣ дар робита ба забон, фолклор ва лингвофолклористика» ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Фасли якум – «Назаре ба таърихи пажуҳиши забон, фолклор ва лингвофолклористика» ба омӯзиши таърихи омӯзиши забон, ба хусус забони тоҷикӣ, фолклор ва лингвофолклористика бахшида шудааст.

Фасли дуюми боби якум «Перомуни соҳиби забону муаллифи фолклор» аҳаммият ва муҳиммияти забону фолклор ва халқро дар бар мегирад.

Дар фасли сеюми боби якум «Мундариҷа ва сохтори забонии матнҳои фолклории Сари Хосор» доир ба омӯзиши муштарак, пайвасту ҳамзамони фолклор ва забони он ҳамчун мавзуи асосии баҳси лингвофолклористика сухан меравад.

Фасли чоруми боби якум – «Пажуҳиши суруди «Ман доғ»-и Сари Хосор аз нигоҳи лингвофолклоролистӣ» ба таҳқиқи комили намунавии линвофолклористии матни фолклории суруди мазкур бахшида шудааст.

Дар натиҷа аён гардид, ки суруди «Ман доғ» ҳамчун матни фолклорӣ бо лаҳҷа суруда шуда, дар он хусусиятҳо, оҳанг ё шеваи гуфтори халқ, лаҳзае аз расму оини даравгарӣ ва ҳамчунин эҳсоси равонии мардум инъикос ёфтааст. Аз ин рӯ, барои таҳкими таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба лингвофолклористика сарчашмаи муносиб ба шумор меравад.

Боби дуюми «Назари лингвофолклористӣ ба хусусиятҳои овозии фолклори Сари Хосор» ном дошта, фарогири панҷ фасл аст.

Фасли якум – «Омори овозии фолклори Сари Хосор» таҳқиқи истифодаи шумораи овозҳо ва мавқеи онҳоро дар бар гирифта, маълум

карда шудааст, ки фолклори Сари Хосор дар доираи 7717 номгӯйи калимаҳо бо назардошти иловаи морфемаҳои тобиши маъно ва алоқасоз маҷмуан бо шумули 3 шумора (рақам) 28701 калимаро дар бар мегирад, ки ин аз 132963 овоз иборат мебошад.

Дар фасли дуюми боби мазкур сохти овозии диалектизмҳои якҳиҷоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Чунон ки диссертант қайд мекунад, дар таркиби луғавии фолклори Сари Хосор дар доираи номгӯй 107 калимаи якҳиҷоӣ бо шумули такроръёбӣ 2485 маротиба омадааст (с.25).

Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия «Овозҳои маънодор ва ёридиҳанда» ном дорад. Дар забони тоҷикӣ фонемаҳо ё овозҳои алоҳиде ҳастанд, ки ба гурӯҳи калимаҳо дохил шуда, маъно ё тобишҳои гуногуни маъноиро ифода мекунанд.

Фасли чоруми боби дуюм «Мавқеи овози “ъ” номгузорӣ шудааст. Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур диссертант чунин натиҷагирӣ кардааст, ки дар фолклори Сари Хосор овози ҳалқии нарми **ъ** бо назардошти омори зиёда аз бутун дар 5940 калима 6770 маротиба омадааст.

Дар фасли панҷуми боби мазкур доир ба «Ҳодисаҳои овоӣ дар фолклори Сари Хосор» маълумотҳо гирд оварда шудааст. Унвонҷӯ дар ҷараёни таҳлил як самти таваҷҷуҳашро ба ҳодисаҳои фонетикӣ, аз ҷумла афзоиши овозҳо, афтидан, бадалшавӣ, дуршавӣ, монандшавӣ, тахфиф ва ҷойивазкунии овозҳо равона намудааст.

Муҳаққиқ дар зерфаслҳои фасли панҷуми боби дуюм дар хусуси тахфифи овозҳо, монандшавӣ, дуршавӣ, ҷойивазкунии овозҳо, мубаддалшавӣ ва дигар ҷанбаҳои овоӣ маълумоти комил пешниҳод кардааст. Муаллиф дар ин фикр аст, ки дар фолклори Сари Хосор дар номгӯйи бештар аз 250 калима зиёда аз 2000 маротиба табдили овозҳо ба назар расид (с.31).

Боби сеюми диссертатсия «Ҷанбаҳои вожагонии фолклори Сари Хосор аз нигоҳи лингвофолклористӣ» унвон дошта, шомили шаш фасл ва чандин зерфасл аст. Муаллифи рисола дар раванди баррасии масъала роҷеъ ба калимаҳои аслии хоси махзани асосии луғавии забони тоҷикӣ ва калимаҳои серистеъмол маълумот дода, қайд мекунад, ки фолклори Сари Хосор, ки зиёда аз 7700 ногӯйи калимаро дар бар мегирад, ба истиснои диалектизмҳои лексикӣ ва калимаҳои иқтибосӣ 7000 ададаш (91,0 фоизашро) калимаҳои аслии тоҷикӣ мебошад, ки ба истилоҳ ҳам умумихалқӣ, ҳам умумитоҷикӣ ва ҳам умумиистеъмолӣ маҳсуб меёбанд.

Дар фасли сеюми боби мазкур лексикаи динӣ дар назми фолклори мавзеи мавриди назар баррасӣ мешавад. Хулосаи муҳаққиқ он аст, ки

лексикаи динӣ дар матнҳои фолклории назмӣ аз 263 калима иборат буда, 4 фоизи маҷмуи калимаҳои назми фолклорро ташкил додаанд.

Дар фаслҳои чорум, панҷум ва шашум вижагиҳои синонимҳо, омонимҳо ва антонимҳо дар забони фолклор мушаххас карда шудаанд.

Боби чоруми диссертатсия «Диалектизмҳо дар фолклори Сари Хосор» ном дошта, фарогири шаш фасл мебошад. Дар ин боб муҳаққиқ мавқеи диалектизмҳоро дар фолклори Сари Хосор ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи муҳаққиқ диалектизимҳо дар фолклори Сари Хосор мавқеи муҳим ва хос доранд. Дар матнҳои фолклории назмӣ, насрӣ ва драмавӣ бештар аз 3500 номгӯй ва ҷамъан 13500 калимаро (47 фоизро) – диалектизмҳо ташкил медиҳад. Инчунин, дар матнҳои фолклории Сари Хосор бештар аз 70 номгӯйи диалектизимҳои лексикӣ бо такрори баъзе калимаҳо афзунтар аз 170 маротиба омадааст.

Дар зерфаслҳои дигари боби мазкур диссертант диалектизмҳои фонетикӣ ва таснифоти онҳо, диалектизмҳои фонетикии иқтибосӣ, диалектизмҳои морфологӣ, морфологӣ-синтаксисӣ ва диалектизмҳои фразеологӣ-феълиро дар фолклори Сари Хосор ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар фолклори Сари Хосор номгӯйи зиёда аз 1100 диалектизми фонетикиро бо такрори бештар аз 5500 калима дар бар гирифтааст. Диалектизмҳои фонетикии фолклори Сари Хосор бо назардошти хусусиятҳои лексикӣ, морфологӣ, ономастикӣ ва семантикӣ зиёда аз 1000 номгӯй калимаҳоро дар бар мегиранд, ки бештар аз 5500 маротиба дар назму наср такрор омадаанд. Бинобар ин, дар доираи номгӯй онҳо аз рӯйи баъзе ҷиҳатҳои забонӣ, аз ҷумла ифодаи ном, маъно ва мансубият ба ҳиссаҳои нутқ ба гурӯҳҳо ҷудо карда шуданд. Аксари диалектизмҳои фонетикӣ ба исмҳо (номҳо) марбутанд.

Дар бахшҳои хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии диссертатсия Насимов Н.И. натиҷагириҳои таҳқиқи худро ба таври мушаххас дар 27 банд баён мекунад, ки ҳар яки онҳо заминаҳои устувори илмӣ дошта, қобили эътимод мебошанд. Илова бар ин, диссертатсия, дар маҷмуъ, дар сатҳу савияи илми забоншиносӣ таълиф гардидааст ва он, воқеан, метавонад дар таҳқиқи лингвофолклористии забони матнҳои фолклории тоҷик саҳифаи наверо боз намояд.

Таълифоти илмии довталаб аз 3 монография, 2 луғат ва 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 20 мақолаи дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда иборатанд ва нуктаҳои асосию натиҷаҳои таҳқиқотро фаро мегиранд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим фишурдаи рисола

(автореферат) аз баъзе норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи кор хеле муфиданд:

1. Дар фишурдаи диссертатсия (автореферат) мисолҳои зиёд оварда шудааст, ки кам кардани онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

2. Баъзе гурӯҳҳои луғавию маъноии аносири луғавӣ равшан таъйин нагардидааст, дар натиҷа баъзе тобишу маъноҳо хира ба чашм мерасад. Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки як қисми аносири луғавӣ дар таркиби ҷумла ё матн оварда нашудаанд.

3. Дар кори мавриди назар ғалатҳову иштибоҳоти техникӣ роҳ ёфтааст (саҳ. 18, 20, 35, 44), ки дар оянда ислоҳ намудани онҳо ба ҳусну қубҳи кор неруи дигаре зам хоҳад намуд.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба сифати рисола таъсир намерасонанд.

Мазмуну муҳтавои афтореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва хулосаи мухтасари диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таълиф гардидаанд, мувофиқат мекунанд.

Диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ» таҳқиқоти анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо муҳиммият, навгонии илмӣ ва арзиши назарию амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забошиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ: Гадоев Н.

Имзои профессор Гадоев Н.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ: Мустафозода А.

Нишонӣ: Нишонӣ: 735700, шаҳри Душанбе,
телефон: (+992). 985380054

27.09.2024